*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 73 (4656) | ДУШАНБЕ, 5 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МУЛОҚОТИ ДУЮМИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО

**Дуюми июни соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Чолпон-Атаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар Мулоқоти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо иштирок намуданд.**

Зимни нишаст роҷеъ ба ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо, инчунин оид ба рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, дар робита ба масоили таҳкими амнияти минтақавӣ дар пасманзари хатару таҳдидҳои муосир, аз ҷумла вазъи кунунии Афғонистон, табодули андеша намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро перомуни ҳамкориҳои шашҷониба дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона, инчунин дигар соҳаҳо, иброз намуданд. Зарурати тақвияти ҳамкории кишварҳои минтақа бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, нақлиёт, логистика, гидроэнергетика, «энергияи сабз» ва рақамикунонӣ таъкид шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, масоили мубрами тағйирёбии иқлим, аз ҷумла обшавии пиряххоро, матраҳ намуданд. Сарвари давлати мо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо барои ҷонибдорӣ аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об ва тағйири иқлим арзи сипос намуданд.

Аз натиҷаи Мулоқоти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо изҳороти муштараки матбуотӣ қабул гардид.

**www.president.tj**

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО АНТОНЕЛЛА БАССАНИ

**Панҷуми июни соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассаниро ба ҳузур пазируфтанд.**



Дар мулоқот ҳамкории кунунӣ ва дурнамои робитаҳои Тоҷикистон бо Бонки ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи ҳамкориҳои Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ дар 30 соли шарикӣ, аз ҷумла аз ҷониби ин ниҳоди молиявӣ зиёда аз 2,7 миллиард доллари амрикоӣ маблағгузорӣ шудани 116 лоиҳа дар соҳаҳои гуногуни кишвари мо, қаноатмандӣ карданд.

Хонум Антонелла Бассани аз имкониятҳои назарраси Тоҷикистон дар истеҳсолу содироти энергияи тозаю барқароршаванда ва дар ин замина рушди «иқтисоди сабз» ёдовар шуда, бори дигар ҷонибдории Бонки ҷаҳониро роҷеъ ба дастгирии саҳми Тоҷикистон дар рӯзномаи глобалии тағйирёбии иқлим тасдиқ намуд.

Зимни мулоқот оид ба ҷалби бештари сармоягузориҳои шарикони рушд ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунию ирригатсия, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, инчунин ҷиҳати рушди «иқтисоди рақамӣ» табодули андеша сурат гирифт.

Дастгирии идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, маблағгузории рушди соҳаи энергетика ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ арзёбӣ гардида, дар робита ба вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза ва шиддат гирифтани пайомадҳои он ҷиҳати пешгирӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳо ва омилҳои манфии таъсиррасон ба иқтисоди миллӣ роҳандозии татбиқи ислоҳоти муттасил зарур шуморида шуд.

Дар мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**www.president.tj**

# ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Панҷуми июни соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъсиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баррасии пешниҳодот дар бораи додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси Созишномаи мустақим байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Азнавсозии системаи аэронавигатсионӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъд аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Толибхон Азимзода ва раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ва оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, масъала «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ «Оид ба рафти иҷрои Буҷети давлатӣ ҷиҳати татбиқи «Барномаи давлатии муҳити дастрас барои солҳои 2021-2025» ва нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, доир ба он қарор қабул кард.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ

**Сеюми июни соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон муҳтарам Нарендра Моди номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари ҳузнангези ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани шумораи зиёди мардум бар асари садамаи қатораҳои роҳи оҳан дар штати Одишаи Ҷумҳурии Ҳиндустон боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Дар робита ба ин ҳодисаи фоҷиабор ҳамдардиву тасаллияти самимии ин ҷонибро ба Шумо, пайвандону наздикони фавтидагон ва мардуми дӯсти Ҳиндустон изҳор намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

# ҚАРОРИ

## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 33 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунам:**

Ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 июни соли 2023, соати 09-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 1 июни соли 2023, № 30**

# ҚАРОРИ

## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъват намудани Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 16 июни соли 2023, соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 1 июни соли 2023, № 31**

# ИТТИЛОИЯ

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» ва дигар қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин масъалаҳо оид ба иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудии ҷумҳурӣ дар назар аст.

## СУҲБАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО АЪЗОИ РАЁСАТИ ФОНДИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАҶОТИ АРАЛ



**Панҷуми июни соли ҷорӣ дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аъзои Раёсати Фонди байналмилалии наҷоти Арал мулоқот карданд.**

Дар оғози суханрониашон Пешвои миллат иштирокдорони вохӯриро хайра мақдам гуфта, онҳоро бо 30-юмин солгарди таъсисёбии Фонди байналмилалии наҷоти Арал табрику таҳният намуданд.

Зикр шуд, ки фонд дар давраи гузашта аҳамияташро ҳамчун иттиҳодияе, ки барои ҳалли мураккаби маҷмӯи мушкилоти экологӣ ва ҳам иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ шудааст, равшан нишон дод. Инчунин, дар фаъолияти амалии Фонди байналмилалии наҷоти Арал масъалаҳои об ва бисёр мушкилоти экологӣ ва иҷтимоию иқтисодии минтақаи мо ҳалли худро пайдо кард.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон дар давраи раёсат дар ин фонд барои боз ҳам баланд бардоштани обрӯ ва таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи он тамоми талошҳоро ба харҷ медиҳад.

Сарвари давлат нақши муҳими Раёсати Фонди байналмилалии наҷоти Аралро дар рушди муносибатҳои байнидавлатӣ зикр карда, аҳамияти қарорҳои қабулкардаи онро ҷиҳати таҳкими ҳамкории байни кишварҳои минтақа дар ҳалли масъалаҳои мубрами идоракунии об ва мушкилоти экологӣ таъкид намуданд.

Бояд гуфт, ки дар доираи ҷаласаҳои раёсати фонд Барномаи чоруми ҳавзаи баҳри Арал ва Барномаи минтақавии экологии рушди устувори Осиёи Марказӣ қабул карда шуд.

Дар мулоқот, инчунин масъалаи ҷоннок кардани кор бо саҳмгузорон ва шарикони рушде, ки ба фонди мазкур таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, таъкид шуда, зикр гардид, ки фонд дар Конфронси таърихии Созмони Милали Муттаҳид оид ба об дар моҳи марти соли ҷорӣ фаъолона иштирок кард.

Тавре маълум аст, ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои обу энергетика низ таҳти таваҷҷуҳи доимии сарони кишварҳои минтақа қарор дорад. Аз ин рӯ, зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба талошҳову ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти марбут ба об, иқлим ва ҳифзи пиряхҳо, аз ҷумла қабули Қатъномаи Маҷмаи умумии СММ оид ба эълон кардани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», афзоиши шумораи аҳолии минтақа, таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди кишварҳо, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва дигар масоили марбут ба обу иқлим, андешаронӣ карданд.

Пешниҳод гардид, ки бояд ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои об, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи об ва усулҳои обёрӣ, инчунин ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкориҳо дар ин самт тақвият бахшида шавад.

Айни замон ҷаҳон бо таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ аст, ки дар баробари тағйирёбии иқлим ва дигар офатҳои табиӣ вазъи кунунии минтақаро душвор мегардонад. Ин беш аз ҳарвақта аз кишварҳои минтақа муттаҳидӣ ва муборизаи муштарак бо ин таҳдиду хатарҳоро тақозо мекунад.

Дар охир изҳори итминон карда шуд, ки Ҷаласаи панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал, ки 14-15-уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, барои муттаҳидӣ дар самти ҳалли мушкилоти марбут ба об ва ҳамгироии кишварҳои минтақа барои таҳкими нақши Фонди байналмилалии наҷоти Арал дар ин раванд саҳми арзанда хоҳад гузошт.

## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН



**Дуюми июни соли 2023 дар шаҳри Чолпон - Ата Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров мулоқот намуданд.**

Сарони давлатҳо вазъ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистон ва Қирғизистонро дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва ғайра баррасӣ намуда, доир ба масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва байналмилалӣ табодули афкор анҷом доданд.

Дар мулоқот ба масъалаи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров аз натиҷаҳои охири мувофиқаи хати лоиҳавии сарҳади давлатии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон ба дарозии тақрибан 626 километр, ки 102 километри он дар 1,5 соли охир тасвир шудааст, қаноатмандӣ намуданд. Дар баробари ин аз талошҳои муваффақонаи идома додани музокирот ва қабули қарорҳои дахлдор дар асоси эҳтиром ва эътимоди мутақобила изҳори ҷонибдорӣ карда шуд.

Сарони давлатҳо муҳимияти нигоҳ доштани риштаҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷавориии ҳар ду мамлакатро бори дигар тасдиқ карда, ҷонибдориро барои ҳалли ҳама масъалаҳои мавҷуда танҳо бо роҳҳои сиёсӣ ва дипломатӣ изҳор намуданд.

**www.president.tj**

## ВОХӮРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ШАРЛ МИШЕЛ

**Дуюми июни соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Чолпон - Атаи Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи Мулоқоти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо бо Президенти Шӯрои Аврупо Шарл Мишел вохӯрданд.**





Дар вохӯрӣ оид ба вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо бо тамаркуз ба ҷалби сармояи аврупоӣ ва кумаки техникиву молиявӣ дар амри татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди Тоҷикистон мубодилаи афкор сурат гирифт.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати суръатбахшӣ ба раванди шомилшавии Тоҷикистон ба Низоми умумии имтиёзҳои Иттиҳоди Аврупоро (GSP+), ки омили густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Аврупо ба шумор меравад, таъкид намуданд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, масъалаҳои марбут ба муқовимат бо хатару таҳдидҳои амниятӣ бо тамаркуз ба вазъ дар Афғонистонро баррасӣ карданд.

Вохӯрӣ дар фазои созанда ҷараён гирифт.

## ҲАМКОРИИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ – ҲАЛҚАИ МУҲИМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ

**Дуюми июни соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо ҳайати вакилони Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, ки таҳти раёсати раиси Кумитаи Думаи давлатӣ оид ба амният ва мубориза бо коррупсия Василий Пискарёв ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, мулоқот намуд.**



Иброз гардид, ки муносибатҳои Тоҷикистон ва Россия бо сатҳи баланди эътимоди мутақобила ва дӯстии самимӣ фарқ карда, сарони ҳар ду давлат бо таҳкими равобит ба ҳамкории дуҷониба мақоми шарикии стратегӣ додаанд. Солҳои охир робитаҳои байнипарлумонии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия низ ба таври қобили мулоҳиза тавсеа ёфт.

«Мо ҳамкории байнипарлумониро ҳалқаи муҳими муносибатҳои байнидавлатӣ мешуморем, ки тадриҷан ба сатҳи сифатан нав мебарояд»,- иброз намуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

Ҳамзамон, муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ва аъзои Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният низ бо ҳайати вакилони Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия мулоқот намуданд.



## ГУРӮҲҲОИ ДӮСТӢ ВА ҲАМКОРӢ - ТАВСЕАБАХШИ РАВОБИТ

**Дуюми июни соли ҷорӣ раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Алимирзамин Аскеров мулоқот намуд.**

Дар он тақвияти ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон, муносиботи байнипарлумонӣ ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо баррасӣ шуданд.

Саидмурод Фаттоҳзода иброз намуд, ки бо таъин шудани Алимирзамин Аскеров ба симмати сафири фавқулода ва мухтори Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибот ба марҳилаи сифатан нав ворид гардидааст.

Таъкид гардид, ки фаъолияти гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар парлумонҳои ҳар ду кишвар заминаи мусоид барои таҳкими равобитро ба вуҷуд меорад. Боздиди ҳайати парлумонии Тоҷикистон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода аз шаҳри Боку ва иштироки ҳайат дар ҷашни садсолагии Пешвои миллати Озарбойҷон Ҳайдар Алиев фазои ҳамкориҳои байнипарлумониро боз ҳам густариш хоҳанд бахшид.

## БАРРАСИИ МАСОИЛИ МАРБУТ БА РАФЪИ БЕШАҲРВАНДӢ

**Чанде пеш дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон бо ташаббуси Раёсати минтақавии давлатҳои Осиё ва уқёнуси Ороми Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид суҳбати гирди миз дар мавзӯи решакан намудани бешаҳрвандӣ баргузор гардид.**

Дар ин чорабинии муҳим вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Шодизода, директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, сардори Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД, генерал-майори милитсия Ҳусейн Халилзода ва намояндагони дигар вазорату идораҳо ширкат варзиданд.

Дар суханрониҳояшон намояндагони Тоҷикистон доир ба иҷрои уҳдадориҳо вобаста ба решакан намудани бешаҳрвандӣ, қабули санадҳои вобаста ба ин самт қабулгардида ибрози андеша намуданд.

Таъкид гардид, ки баргузории чунин чорабиниҳо барои бартараф намудани бешаҳрвандӣ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти**
**Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Соати парлумонӣ

## ДАР ТАЪИНУ ПАРДОХТИ НАФАҚА МУШКИЛӢ ВУҶУД НАДОРАД

**Якуми июни соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон» соати парлумонӣ баргузор гардид.**

Дар он муовини якуми директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамила Абдураҳмонзода, сардори Раёсати баҳисобгирии инфиродӣ Дилшод Саъдуллозода, муовини сардори Раёсати таъмини сиёсати нафақа Маҳмадмумин Қурбонов, инчунин вакилони Маҷлиси намояндагон ва рӯзноманигорон иштирок намуданд.





Сумангул Тағойзода иброз дошт, ки сабаби асосии интихоби мавзӯи мазкур зиёд будани нофаҳмӣ доир ба татбиқи фармони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат дар мавриди зиёд шудани нафақаи шаҳрвандон аст.

- Баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Бо мақсади танзими муносибатҳо дар таъмини нафақаи шаҳрвандон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон» амал мекунад, ки ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъминоти моддиро тавассути додани нафақаҳои меҳнативу иҷтимоӣ кафолат медиҳад, - зикр кард Сумангул Тағойзода.

Гуфта шуд, ки то якуми апрели соли ҷорӣ шумораи нафақагирон дар ҷумҳурӣ 765 ҳазору 378 нафарро ташкил медиҳад, ки талаботи моҳонаи онҳо ба нафақа 256,3 миллион сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,7 миллион сомонӣ ё 1,9 фоиз афзудааст. Илова гардид, ки аз шумораи умумии нафақагирон гирандагони нафақаҳои меҳнатӣ 317 ҳазору 347 нафар, нафақаҳои суғуртавӣ 259 ҳазору 558 кас ва нафақаҳои иҷтимоӣ 188 ҳазору 453 шахсро ташкил медиҳанд.

Бо мақсади пурра огоҳ гардидан аз раванди таъмини нафақаҳои шаҳрвандон дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ, зиёдшавии андозаи нафақаи заминавӣ ва дигар нафақаҳои амалкунанда мутахассисони соҳа маълумоти фаровон доданд.

Муовини якуми директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамила Абдураҳмонзода чунин гуфт:

- Барои иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои марбутаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба беҳтар гардонидани сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон агентӣ пайваста чораҳои зарурӣ меандешад. Аз ҷумла, мутобиқи нақшаи чорабиниҳо агентӣ вазифадор аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 тамоми нафақаҳои амалкунандаро бозҳисобӣ ва индексатсия намояд.

Ҳамчунин, вобаста ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 -уми феврали соли 2023 таҳти №39 «Дар бораи тадбирҳои амалишавии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2023 таҳти № 526 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 1-уми июли соли 2023 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ зиёд ва индексатсия мешаванд. Вобаста ба ин, нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин гардидаанд, вобаста ба сатҳи таварруми ду соли охир баробари 16 фоиз индексатсия мешаванд.

То 1 - уми июли соли 2023 зиёда аз 783 ҳазору 251 нафақагир мавриди бозҳисобӣ ва индексатсияи нафақа қарор мегиранд.

- Дар маҷмӯъ, омодагӣ оид ба татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 - уми июни соли 2023 ҷиддӣ буда, воҳидҳои сохтории агентӣ аз 19 - уми майи соли 2023, зиёд намудани нафақаҳо ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои пардохти нафақаҳоро шурӯъ намуданд, - афзуд Ҷамила Абдураҳмонзода.

Сипас, байни вакилони парлумон ва намояндагони Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саволу ҷавоб сурат гирифт. Аз ҷумла, Гавҳар Шарофзода аз масъулин дар мавриди дер пардохт шудани нафақа дар бархе шаҳру навоҳии вилояти Хатлон пурсид. Муовини сардори Раёсати таъмини сиёсати нафақа Маҳмадмумин Қурбонов посух дод, ки дар ин маврид шикоятҳо беасосанд, зеро дар таъину пардохти нафақа мушкил вуҷуд надорад.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



# «DUSHANBE GRAND PRIX 2023»

## Тоҷикистон дар ҷойи якум



**Аз дуюм то чоруми июни соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе мусобиқаи «Dushanbe Grand Prix 2023» оид ба ҷудо доир гашт, ки аз рӯи натиҷаи он мунтахаби ҷудои Тоҷикистон мақоми аввалро касб намуд. Варзишгарони мо 3 медали тилло, 3 нуқра ва 1 биринҷиро ба даст оварданд.**

Дар маросими кушодашавии мусобиқа Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, Президенти Федератсияи байналмилалии ҷудо Мариус Визер, Президенти Федератсияи ҷудои Тоҷикистон Исмоил Маҳмадзоир иштирок карданд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суханронии ифтитоҳӣ чунин гуфтанд: «Варзиш воситаи ба ҳам пайвастани халқу миллатҳои гуногун дар ҳаёти инсон мебошад. Дар мамлакати мо ба масъалаи рушди варзиш ҳамчун воситаи муассир ва муҳими тарғиби тарзи ҳаёти солим, беҳбуди саломатии аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Бояд қайд кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали фаъолият то имрӯз барои рушди варзиши тоҷик ва муаррифии он дар арсаи байналмилалӣ тамоми шароити заруриро фароҳам овардаанд. Натиҷаи чунин талошҳост, ки дар Тоҷикистон бисёре аз намудҳои варзиш, аз ҷумла ҷудо, дар роҳи рушди устувор қарор дорад ва имрӯз варзишгарони мо дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хоса пайдо кардаанд».

Президенти Федератсияи байналмилалии ҷудо Мариус Визер дар навбати худ изҳор дошт: «Мо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе ва Федератсияи ҷудои Тоҷикистон барои дастгирӣ ва ташкили аввалин Гран При дар Душанбе изҳори сипос мекунем. Мо дар кишвари бештари аҳолиаш ҷавонон, рӯ ба рушд ва илҳомбахш барои ҷаҳон ҳастем, ки варзиш, адолат, фарҳанг, инчунин таърихи кишвари шумо, кишвари навовар ва ислоҳотхоҳро тарғиб кунем».







**РӮЗИ ЯКУМ**

Дар рӯзи аввал ҷудочиёни Тоҷикистон Меҳрзод Сӯфиев (дар вазни -60 кг) медали биринҷӣ ва Обид Ҷебов (дар вазни -66 кг) медали тилло ба даст оварданд.

Ғолибони «Dushanbe Grand Prix 2023» дар баробари медал мутаносибан соҳиби 3000 евро, дуюм 2000 евро ва ҷойи сеюм 1000 евро шуданд.

**Ғолибони рӯзи аввали мусобиқа:**
**Мардон**
**- 60 кг**
1. Рамазон Абдуллоев (варзишгари инфиродии бетараф)
2. Туран Байрамов (Озарбойҷон)
3. Лука Мхеидзе (Фаронса)
3. Меҳрзод Суфиев (Тоҷикистон)

- 66 кг
1. Обид Ҷебов (Тоҷикистон)
2. Мурод Чопанов (варзишгари инфиродии бетараф)
3. Яшар Наҷафов (Озарбойҷон)
3. Сунггат Жубаткан (Қазоқистон).

**Занон**
**- 48 кг**
1. Маруси Стангар (Словения)
2. Сабина Гилязова (варзишгари инфиродии бетараф)
3. Нарантсэтсэг Ганбаатар (Муғулистон)
3. Андреа Стоядинова (Сербия).

**- 52 кг**
1. Алеся Кузнетсова (варзишгари инфиродии бетараф)
2. Гултай Мамадалиева (Озарбойҷон)
3. Бишрелтиин Хорлодой (Аморати Муттаҳидаи Араб)
3. Жу Янгинг (Чин).

**- 57 кг**
1. Шукурҷон Аминова (Ӯзбекистон)
2. Капанни Диас Тауани Дэвид (Италия)
3. Вероника Тониоло (Италия)
3. Сай Си (Чин).

**РӮЗИ ДУЮМ**

Дар рӯзи дуюми мусобиқа се ҷудочии Тоҷикистон - Шодмон Ризоев, Сомон Маҳмадбеков (ҳар ду дар вазни то 81 кг байни ҳам) ва Беҳрӯз Хоҷазода дар вазни то 73 кг ба финал баромаданд.

Дар натиҷа, Сомон Маҳмадбеков (дар вазни -81) медали тилло, Шодмон Ризоев (дар вазни -81) медали нуқра ва Беҳрӯз Хоҷазода (дар вазни -73 кг) медали нуқра ба даст оварданд.

**Ғолибони рӯзи дуюми мусобиқа:**
**Занон**
**- 63 кг**
1. Катарина Кристо (Хорватия)
2. Герреро Падилла (Испания)
3. Магдалена Крсакова (Австрия)
3. Ива Оберан (Хорватия)

**-70 кг**
1. Марго Пино (Фаронса)
2. Катажина Соберайская (Лаҳистон)
3. Лориана Кука (Косово)
3. Келли Петерсен Поллард (Британияи Кабир)

**Мардон**
**- 73 кг**
1. Маҳмадбек Маҳмадбеков (дастаи варзишгарони фардии бетараф)
2. Беҳрӯз Хоҷазода (Тоҷикистон)
3. Гилберто Кардосо (Мексика)
3. Бенямин Аксус (Фаронса)

**- 81 кг**
1. Сомон Маҳмадбеков (Тоҷикистон)
2. Шодмон Ризоев (Тоҷикистон)
3. Иброҳим Кейта (Фаронса)
3. Анри Егутидзе (Португалия)

**РӮЗИ СЕЮМ**

Дар рӯзи ниҳоии мусобиқаи «Dushanbe Grand Prix 2023» оид ба ҷудо ғолибон ва ҷоизадорон дар панҷ вазн муайян гардиданд. Дар он ҷудочиёни Тоҷикистон Комроншоҳ Устопириён (дар вазни -90) медали тилло ва Темур Раҳимов (дар вазни +100) медали нуқра ба даст оварданд.

**Ғолибони рӯзи сеюми мусобиқа:**
**Занон**
**- 78 кг**
1. Анна-Мария Вагнер (Олмон)
2. Олек Анна Монта (Олмон)
3. Ҷордҷа Стангерлин (Италия)
3. Александро Бабинтсева (дастаи варзишгарони фардии бетараф)

**+78 кг**
1. Нунес Рошел (Португалия)
2. Самира Буизгарн (Олмон)
3. Адиясурен Амарсайхан (Муғулистон)
3. Даря Владимирова (варзишгари инфиродии бетараф)

**Мардон**
**- 90 кг**
1. Комроншоҳ Устопириён (Тоҷикистон)
2. Элдор Аллахвердиев (дастаи варзишгарони фардии бетараф)
3. Дэвид Кламмерт (Чехия)
3. Элжан Ҳоҷиев (Озарбойҷон)

**- 100 кг**
1. Матвей Каниковский (варзишгари инфиродии бетараф)
2. Ниёз Билалов (дастаи варзишгарони фардии бетараф)
3. Златко Кумрич (Хорватия)
3. Батхуяг Гончигсурен (Муғулистон)

**+ 100**
1. Тамерлан Башаев (варзишгари инфиродии бетараф)
2. Темур Раҳимов (Тоҷикистон)
3. Ерасил Кажибоев (Қазоқистон)
3. Магомедомар Магомедомаров (АМА).

Чорабинии мазкур мусобиқаи интихобӣ барои Бозиҳои олимпии Париж-2024 низ буда, ба рейтинги варзишгарон барои ҷойи 1 - 700 хол, 2 - 490, 3 - 350 илова карда мешавад.

Ёдовар мешавем, ки дар «Dushanbe Grand Prix 2023» варзишгарон аз 27 давлати дунё иштирок карданд ва панҷгонаи бештарин инҳо мебошанд:
1. Тоҷикистон
2. Олмон
3. Фаронса
4. Хорватия
5. Португалия.

**Таҳияи Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# «ВАЗЪИ ТАЪМИНОТИ КАДРӢ ДАР СОҲАҲОИ МАОРИФ ВА ТАНДУРУСТӢ»

**Чанде пеш бо чунин ном дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбати гирди миз баргузор гардид. Ҳадаф аз баргузории ҷамъомад омӯзиш ва таҳлили вазъи кунунии таъминоти кадрии соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта буд.**

Вобаста ба масъалаи мавриди назар доктори илмҳои фалсафа, профессор Абдураҳмон Қурбонов дар мавзӯи «Вазъи таъмини мактабҳои олӣ бо кадрҳои илмиву омӯзгорӣ: мушкилот ва тамоюлҳо», доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Табаралӣ Ғаниев дар мавзӯи «Менеҷменти креативӣ ҳамчун система ва модели стратегии омӯзиши ташаккули рушди неруи касбии инсонӣ», доктори илмҳои педагогӣ, роҳбари Маркази таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Зарина Сайфуллоева дар мавзӯи «Мушкилоти кадриро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чӣ тавр бартараф кунем?», номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Вафобек Баҳромбеков дар мавзӯи «Проблемаи касбинтихобкунӣ ва пайомади он дар тайёр кардани мутахассисон», номзади илмҳои тиб, директори Маркази рушди стратегӣ ва сифати таҳсилоти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино Маҳмудзода Хайём дар мавзӯи «Вазъ ва дурнамои омодасозии кадрҳои тиббӣ», номзади илмҳои фалсафа, ходими пешбари илмии шуъбаи сотсиологияи Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Беҳрӯ Насурова дар мавзӯи «Худмуайянкунии касбии ҷавонон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон» маърӯза намуданд.

Баъдан, иштирокчиён перомуни маърӯзаҳои ироашуда фикру андешаҳояшонро иброз карданд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**



# НОКАУТИ РАҚИБ ВА МУКОФОТИ ИЛОВАГИИ МУҲАММАД НАИМОВ

**Чоруми июни соли равон мусобиқаи UFC Vegas 74 баргузор шуд, ки дар он ду варзишгари тоҷик Муҳаммад Наимов ва Муин Ғафуров ширкат карданд.**

Муҳаммад Наимов рақиби австралиягияаш Ҷейми Малларкиро ба нокаут фиристод.

Муҳаммад Наимов дар суханрониаш пас аз ғолибият бо эҳсосот чунин гуфт:

- Бовар дорам, ки дилхоҳ нафарро дар вазни сабук ва нимсабук шикаст дода метавонам. Ашки ман барои он аст, ки се сол интизори имрӯз будам. Се сол мубориза бурдам, то дар ин майдон Парчами давлати кишварамро баланд бардорам.

Президенти ташкилоти UFC Дана Уайт ба ӯ аҳсан гуфта, хабар дод, ки барои муҳорибаи беҳтарин иловатан 50 ҳазор доллари амрикоӣ ҳадя хоҳад гирифт.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# ХАДАМОТИ ИҶРОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**ДАСТГОҲИ МАРКАЗӢ, ШАҲРИ ДУШАНБЕ ВА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ТОБЕИ ҶУМҲУРӢ:**

- сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ, маоши вазифавӣ – 2115,8 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ) ;
- мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ, маоши вазифавӣ – 1286,5 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ, таҳлил ва робита бо ҷомеа, маоши вазифавӣ – 1062,4 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, маоши вазифавӣ – 1112,2 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- иҷрочии Хадамоти иҷро дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, маоши вазифавӣ – 1112,2 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар ноҳияи Шаҳринав, маоши вазифавӣ – 1294 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Ҳисор, маоши вазифавӣ – 1112,2 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Турсунзода, маоши вазифавӣ – 1112,2 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- иҷрочии Хадамоти иҷро дар шаҳри Ваҳдат, маоши вазифавӣ – 1112,2 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ).

**РАЁСАТИ ИҶРО ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД**

- мудири бахши молия ва иқтисод, маоши вазифавӣ – 1735,85 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии иқтисодӣ);
- мутахассис, маоши вазифавӣ – 1062,4 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
- иҷрочии калони Хадамоти иҷро дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, маоши вазифавӣ – 1361,2 сомонӣ, (талаботи тахассусӣ: таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ);
